Барои ҳифзи Ватан, таҳкими Истиқлолият ва амнияти миллӣ тайёрем!

# Родмардон

№4(217)
30 апрели соли 2024

Нашрияи тарбияи ҳарбию ватанпарастии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ барои ҷавонон мактаби ҷавонмардӣ маҳсуб ёфта, дар рӯҳияи ватандӯстиву, худшиносӣ тарбия намудани хизматчиёни ҳарбӣ ва барои онҳо муҳайё намудани шароити хуби хизмат, инчунин, риояи талаботи ойинномаҳои ҳарбӣ муҳимтарин самти сиёсати мудофиавии кишвар маҳсуб меёбад.

Эмомалӣ Раҳмон

# Ҷонам нисорат, эй Ватан!



*Ҳазор ҷон диҳем агар ба ҳифзи ин*
*Ватан, кам аст,*
*Ватан на лаълу не гуҳар, баҳои*
*ҷони одам аст.*

***Ватан хонаи умед, сарчашмаи ҳама хушбахтиҳо, ифтихору такягоҳи мо мебошад. Мо-ҷавонон бояд бо амри дилу виҷдон барои ҳифзу мудофиаи ин сарзамини биҳиштосо бо хизмати содиқонаву софдилона ҳамеша омода бошем!***

Қабули наваскарон, таълими машғулиятҳои ҳарбӣ ва омода намудани онҳо ба хизмат яке аз вазифаҳои муҳими Маркази тайёрии кадрҳои Гвардияи миллӣ мебошад. Дар ин мавсими даъват Марказ зиёда аз 500 нафар наваскаронро бо таълимоти ҳарбӣ фаро гирифта, айни замон барои ёд кардани савганди садоқат ба Ватан, омода кардааст. Дар баробари ин дар қисмҳои ҳарбӣ ба эҳтиёти Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон гусел намудани сарбозону серҷантон анҷом дода мешавад.

Ҳифзу мудофиаи Ватан, баланд бардоштани қудрати дифоии кишвар яке аз вазифаҳои муқаддаси шаҳрванд ба ҳисоб меравад, ки иҷрои он барои ҳар як шахс боиси ифтихору шарафи ҷавонмардӣ аст. Имрӯзҳо маъракаи даъвати навбатии ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар саросари кишвар идома дорад.



Қисме аз шаҳру ноҳияҳо ин маъракаи муҳими сиёсиро пеш аз муҳлат ва дар сатҳи баланд иҷро намуданд. Аз ҳисоби чунин ҷавонони ихтиёрӣ, шаҳрвандони ватандӯст сафҳои Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра гардидааст. Мувофиқи маълумоти сардори шуъбаи ташкил ва сафарбарии Сарситод полковники гвардия Исоев Қурбоналӣ айни замон масъулини қисмҳои ҳарбӣ ба қабулу ҷобаҷогузории наваскарон машғуланд ва то 27 апрели соли равон нақшаи даъват дар Гвардияи миллӣ 55 фоиз иҷро гардидааст.

Қобили зикр аст, ки дар Маркази тайёрии кадрҳо барои омода кардани наваскарон ба хизмати ҳарбӣ, аз худ намудани барномаҳои таълимӣ мураббиён аз ҳисоби афсарони касбиву соҳибтаҷрибаи хизмат интихоб карда шудаанд. Машғулиятҳо дар асоси нақшаи дарсӣ, ки аз тарафи раёсати тайёрии ҷангии Фармондеҳӣ тартиб дода шудааст, таҳти назорати бевоситаи командири қисми ҳарбӣ подполковники гвардия Раҳимзода Олим гузаронида мешаванд.

Дар Маркази тайёрии кадрҳо бо наваскарон Ҳасанзода Муслимшоҳ, Раҳимов Ривоҷиддин,



Мирзозода Амирҳамза ҳамсуҳбат шудем. Аз суҳбат бо аскарон маълум шуд, ки аксарият бо азму иродаи қавӣ ва дарки баланди масъулияти ватандӯстиву худшиносӣ анъанаи падарону бобоёнро идома дода, муҳофизу ҳомии марзу бум, озодиву истиқлолияти ватану миллат будани худро ба ин васила собит мекунанд. Ҷавонони имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлол моҳияту мазмуни хизмати ҳарбиро бо ҳисси баланди худшиносӣ ва ифтихор аз миллати сарбаланд ба пурраги дарк мекунанд. Онҳо аз шароиту имкониятҳои фароҳамовардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон самаранoку баманфиат истифода мебаранд.

Албатта, дар ташаккул ва баланд бардоштани рӯҳияи ватандӯстии ҷавонон саҳми волидон ва мактабу донишгоҳ хеле бузург аст. Ҷуноне ки наваскарон Расулов Бахтиёр ва Нарзуллозода Раҳмон иброз доштанд, - дар баробари ба забон овардани калимаи Ватан чеҳраи Модар пеши назар меояд. Зеро ҳар ду ҳам дар парваришу ба камол расидани мо саҳми арзанда доранд. Пас сипосу эҳтироми мо ба ин муқаддасот хеле зиёд аст.

Ҳар мавсими даъват мо бо наваскарон ҳамсуҳбат шуда, қадами устувори онҳоро дар ин зинаи ҷавонмардӣ, яъне дар роҳи интихоби хизмати ҳарбӣ ғайрату худшиносӣ эътироф мекунем. Ҷавонон бояд аз шароиту имкониятҳое, ки имрӯз бо дастгирии Сарфармондеҳи Олӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хизматчиёни ҳарбӣ фароҳам оварда шудааст, самаранок истифода бурда, ду соли хизматро бо манфиат, бо дӯстиву рафоқат паси сар намоянд.

Дар байни ин ҷавонон нафароне зиёде ҳастанд, ки баъд аз хатми мактаби миёна ба хизмат омадаанд. Ҳарчанд бо гирифтани номаи камол онҳо худро шахсони мустақил эътироф мекунанд, вале аксарият аз лиҳози равонӣ ва ҷисмонӣ хеле ба ҳидояту роҳнамоӣ ниёз доранд. Пас ҷойи онҳо хизмати ҳарбӣ аст, ки тарбияи ахлоқӣ, ҷисмонӣ ва ҳарбӣ гиранд.

***Дар ин замони пурмоҷарои ҷаҳонишавӣ, ки мустақилона роҳи зиндагиро пеш мегиранд, аз хавфу хатарҳо, зуҳуроти номатлубе, ки ба фарҳанги миллати мо бегонаанд, дур бошанд, ҳазар кунанд, то ки бозичаи дасти дигарон нашаванд. Ба қадри заҳмати ватандориву давлатсозӣ бирасанд. Волоияти қонун, маърифати ҳуқуқу озодӣ, манфиати хеш, давлат, миллати худ ва ҷомеаро дарк карда тавонанд.***

Хайринисо КОМИЛЗОДА

# Омадем, ки қарзи худро анҷом диҳем



23 -юми апрели соли равон дар Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 200 нафар наваскарон барои садоқат ба халқу Ватан савганд ёд карданд. Дар маросими тантанавӣ ҳайати фармондеҳӣ, командирон ва афсарони қисмҳои ҳарбии 051052,051055 ва 051064, падару модарон ва наздикони сарбозони навдаъватшуда иштирок доштанд.

Ба майдон баровардани Байрақи ҷангӣ ва дар ҳамоҳангӣ бо ҳайати шахсӣ иҷро кардани Суруди миллӣ шукуҳу шаҳомати ҳар як чорабинӣ ва маросими тантанавии хизматчиёни ҳарбиро дучанд мекунад. Бахусус барои ин наваскарон, ки тӯли як моҳ дар Маркази таълимии Гвардияи миллӣ барномаи ибтидоии хизмати ҳарбиро аз бар карда, барои қабули савганди ҳарбӣ омода шудаанд, лаҳзаҳои таърихӣ хеле ҳам фараҳбахшу хотирмон мебошад. Қадамзании устувору нутқи буррои наваскарон аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин муддати таълим онҳо талаботи Оинномаҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон-ро аз худ кардаанд ва бо ифтихору сарбаландӣ ҳифзу ҳимояи сарзамини аҷдодӣ, масъулияти ватандориро вазифаи муқаддаси худ мешуморанд. Ҳарчанд наваскарон хеле ҷавонанд, вале дар рафтору гуфтор ҷасорату ғайрат ҷавонмардони қавииродаву озмударо мемонанд. Хизмат дар сафи Артиши миллӣ қарзи фарзандии ҳар як шаҳрванд буда, далели ватандӯстӣ, шарафу номус ва нишони худшиносии ҳар як ҷавонмард мебошад. Командирони взвод, ки наздики як моҳ бо наваскарон барномаи мукаммали ҳарбиро омӯзондаанд, аз натиҷаи кори худ, аз анҷоми қабули савганди ҳарбӣ гузориш доданд. Сипас, Сардори сарситод-муовини аввали Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон полковники гвардия Баҳриддин Азаматзода наваскаронро бо ин лаҳзаи хотирмони хизмати ҳарбӣ табрик намуда, ба онҳо дар хизмати минбаъда садоқату комёбӣ таманно намуд. Дар навбати худ наваскарон ҳам изҳор доштанд, ки анъанаи ниёгонро пайравӣ карда, ба Модар-Ватан софдилона хизмат мекунанд.

Қабули савганди ҳарбӣ, анҷом додани хизмати Модар - Ватан нишони садоқату вафодорӣ, ифтихору шарафмандӣ, ахлоқи некӯ ва оини мардони ба нангу ори миллат аст, ки бо ҳар ёд кардани он ҳисси масъулиятшиносии шаҳрванд ба ҳар зарра хоку оби Ватан дучанд меафзояд.

Маросими тантанавиро расми гузашти низомии наваскарон таҳти оҳангҳои ҷаззобу мутантани оркестри ҳарбии Гвардияи миллӣ анҷом бахшид.

Қобили зикр аст, ки даври аввали маросими Савганди ҳарбӣ нисбат ба давраҳои дигар бо иштироки хеле фаъолонаи волидону наздикони наваскарон мегузарад. Аксарият аз шаҳру ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ барои табрику дидорбинии фарзандонашон меоянд. Роҳбарияти қисми ҳарбӣ барои онҳо шароити мусоид фароҳам овардаанд. Дар фазои кушод мизу курсиҳоро барои меҳмонон гузоштанд, то ин ки бо фарзандони худ бароҳат суҳбату вохӯрӣ намоянд. Ҳамчунин ҳунармандони оркестри ҳарбии Гвардияи миллӣ барои меҳмонону наваскарон барномаи ҷолиби консертиро пешниҳод карданд.

Хайринисо КОМИЛЗОДА



Бахшида ба Рӯзи пойтахт

# 100-сола ҷавониву 100-гуна шукуфта

Душанбешаҳр имрӯзҳо амсоли ғунчаи гулест, ки ба тозагӣ лаб во намуда, аммо паём аз сад навбаҳор, аз сад достону аз сад рӯзгор ва аз сад пушти бовиқор дода. Сабзгуна мешукуфаду сабзгуна обод мешавад ва ба тарзи шинохтанашаванда дигар мешавад. Рӯзҳои офтобиву шабҳои маҳтобиаш ҳамеша нурполост. Шабона амвоҷи нур замину осмонашро садранг намуда, дили бинандаро лабрези фараҳ месозад.

Душанбе субҳи ту доим баҳор аст,
Бароят ҷовидонӣ бахт ёр аст.
Надори қалъаву дарҳои баста,
Ба даври доманат кӯҳҳо ҳисор аст.

Оре, Душанбе шаҳри ҳамешабаҳор асту ҳар лаҳзаи ҳаёташ сад достони носуруда. Ҳусни рӯзафзун шукуҳу шаҳоматашро дучанд менамояд. Тарҳи нави меъморӣ, боғҳои фарҳангиву фароғатӣ, биноҳои боҳашаммати баландошёна, гулгашту хиёбонҳо ва бунёди беҳисоби муассисаҳои таълимуву фарҳангӣ, табиати биҳиштосо ва кӯҳҳои сарбафалаккашида Душанберо ба сарзамини сайёҳӣ табдил додааст.

Агар Душанбе рӯзгоре як деҳаву ду кӯча дошт, имрӯз шаҳри дилписанди ҷаҳониён аст. Душанбе узви Ассамблеяи пойтахтҳо ва бузургшаҳрҳо (МАГ), узви Федератсияи умуміҷаҳонии шаҳрҳои сайёҳӣ буда, дар айни замон бо 18 шаҳри Осиё, Африко, Аврупо, Амрико ва Иттиҳоди давлатҳои мустақил муносибатҳои дӯстона барқарор намудааст.

Тибқи кофтуковҳои бостоншиносӣ маълум гардидааст, ки қаблан дар ҷойи Душанбе шаҳрҳову маҳаллаҳои аҳолинишин вуҷуд доштаанд.

Мувофиқи маълумотҳо шаҳри Душанбе дар ҷойи бозор пайдо шудааст. Ҳар ҳафта рӯзи душанбе аҳолии деҳаҳои гирду атроф ба ин ҷо омада, маҳсулоти зарурии рӯзгорро харидорӣ менамуданд.

Аз рӯйи дастурҳои муаррихони бостоншинос шаҳри Душанбе таърихи 2300- сола дорад. То давраи инқилоб Душанбе дар ҳайати амороти Бухоро қарор дошт. Соли 1924 дар бораи ташкил шудани ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон Душанбе бо шумораи камтар аз 500 хоҷагӣ, ки аҳолии он тақрибан 6 ҳазор нафар буд, унвони шаҳр ва пойтахти Тоҷикистонро гирифт.

Дар натиҷаи ба даст овардани комёбиҳои баланди меҳнатӣ ва ҷаҳду талошҳои фарзандони фарзонаи миллат соли 1929 ҶШС Тоҷикистон ташкил карда шуд ва мақоми шаҳри Душанбе боз ҳам боло шуд. Душанбе ҳамчун маркази тамаддуни тоҷикони ҷаҳон ва оинаи миллати шарафманди тоҷик бо дастгириву ғамхориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва заҳматҳои созандаву ташаббусҳои ватандӯстонаи сокинон, шаҳри муосири замонавӣ шуда истодааст.



Тибқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ҳамасола шанбеи сеюми моҳи апрел дар мамлакат Рӯзи пойтахт таҷлил карда мешавад. Имсол ҳам бо ташаббуси шаҳрдори Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ чорабиниҳои зиёди фарҳангӣ, фароғатӣ ва варзишӣ баргузор гардида, меҳмонони зиёдро аз наздик ҷамъ овард.

Таҷлили Рӯзи пойтахт барои тоҷикон санаи муҳими таърихӣ ва ҷашни муқаддас ба шумор меравад. Чунки Душанбе ифтихору номус, шарафу виҷдон ва сари болову шуҳрати тоҷикон буда, ҳамчун оинаи миллат азизу бебаҳо асту чун гавҳараки чашм муҳофизат карда мешавад.

Саодат САТТОРӢ

## ШОМИ ДУШАНБЕ

*Бо чашми ҳавас кас нигарад сӯи Душанбе,*
*Аз равнақи волову ҳаюҳуи Душанбе.*

*Масъудию сулҳ асту амониву адолат,*
*Бошад ҳама кас шефтаи рӯи Душанбе.*

*Нахлу гиёҳаш доруву дармони равон аст,*
*Ҳам дуди сипанду хаси доруи Душанбе.*

*Фаввора ба сад ранг кашад сар ба баландӣ,*
*Ҳамчун парии обию ҳам қуи Душанбе.*

*Гаҳ тирукамон бошаду гаҳ хандаи пурмавҷ,*
*Шому саҳар андар бари ҳар кӯи Душанбе.*

*Хуш ҳоли ҷавоне, ки шавад волаву шайдо,*
*Бар дилбари хушпайкари дилҷӯи Душанбе.*

*З-ин равзаи ризвону таҷаммул, ки бувад рӯз,*
*Осуда бувад шоми ғазалгӯи Душанбе.*

# Татбиқи «Соли маърифати ҳуқуқӣ»

Рамзи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» бо фармоиши вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст

Ба ҳамагон маълум аст, ки баҳри боло бурдани волоияти қонун, донишҳои ҳуқуқӣ, риояи қатъии қонунҳои миллӣ, боло бурдани маърифатнокии мардум, пешгирӣ аз ҷиноятҳу ҷиноятҳорӣ ва ҳарчи беҳтар дарк намудани соҳаҳои ҳуқуқии кишвар Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ, ки санаи 28 декабри соли 2023 "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" ироа намуданд, соли 2024-ро "Соли маърифати ҳуқуқӣ" эълон карданд. Дар робита ба ин Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи чорабиниҳо бахшида ба "Соли маърифати ҳуқуқӣ" ба имзо расид. Дар ҳошияи ин дастур воҳидҳои сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор гардиданд, ки нақшаи чорабиниҳоро доир ба эълони "Соли маърифати ҳуқуқӣ" тарғибу ташвиқи соҳаҳои ҳуқуқӣ тартиб дода, онро дар амал иҷро намоянд.

Дар ин радиф алакай тамоми мақомоти давлатӣ, вазорату кумитаҳо нақшаи чорабиниҳоро ба тасвиб расонида мувофиқи нақша амал намудаистодаанд.

Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз ҷузъҳои асосии Қувваҳои Мусаллаҳи кишварро ташкил мекунад, барои иҷрои амри Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақша-чорабиниҳоро бахшида ба "Соли маърифати ҳуқуқӣ" ба имзо расонид. Доир ба баргузор намудани чорабиниҳои тарғиботиву ташвиқотӣ байни ҳайати шахсӣ ба роҳ мондани тарғибу ташвиқи васеи меъёрҳои Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тавассути ташкилу баргузор намудани семинар, мизҳои мудаввар ва чорабиниҳои дигари оммавӣ, таъмини инъикоси чорабиниҳо вобаста ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллӣ, ташкилу баргузор намудани маҳфилҳои ҳуқуқӣ (озмуну викторина, шоми саволу ҷавоб) ба муносибати "Рӯзи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд", омода намудани шиору овезаҳо бахшида ба 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва "Соли маърифати ҳуқуқӣ" амалӣ гаштаистодааст. Баҳри иҷрои нақша-чорабиниҳои мазкур раёсату шуъбаҳо ва қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор гаштаанд.

Ёдовар гардидан ба маврид аст, ки шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеаи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути барномаи телевизионии "Родмардони Ватан" инъикос намудани чорабиниҳои тарбиявӣ ва тарғиботиву ташвиқотӣ, ки ҷанбаҳои ҳуқуқӣ доранд вазифадор шудааст.

Ҳамзамон шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеаи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо шуъбаи ҳуқуқии раёсати корҳои фармондеҳӣ бахшида ба 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва "Соли маърифати ҳуқуқӣ" байни хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони ғайринизомии раёсату шуъбаҳои алоҳида ва қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озмуни мақолаҳо дар мавзуи "Мавқеи қонун дар ҳаёти инсон" эълон карда шудааст. То ин дам чандин мақолаҳо аз раёсату шуъбаҳо ва қисмҳои ҳарбӣ ба озмун пешниҳод гардида, дар нашрияи "Родмардон" ва сомонаи расмии Гвардияи миллӣ (www.gmjt.tj), ба нашр расонида шуд. Озмуни "Мавқеи қонун дар ҳаёти инсон" дар рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъбаст гардида, ғолибони озмуни мазкур аз ҷониби фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ифтихорнома ва тӯҳфаҳои қимматнок сарфароз гардонида мешаванд. Хоҳишмандон метавонанд мақолаҳои худро ба нашрияи "Родмардон" то охири моҳи октябри соли ҷорӣ пешниҳод намуда, дар таъмину огаҳии хизматчиёни ҳарбӣ бо қонун ва меъёрҳои ҳуқуқӣ саҳмгузор бошанд.

Ёқубҷон СУЛТОНАЛИЗОДА

Матни шиору овезаҳои тавсиявӣ бахшида ба **«СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ»** аз суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

Дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад.

***

Масъалаи дигари муҳим, ки дар низоми ҳуқуқии кишвар нақши калидӣ дорад, таъмини волоияти қонун буда, он меҳвари фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад.

***

Таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ ва иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, муҳокимаи ошкоро ва одилонаи судӣ ба таҳкими конуният, пешгирӣ кардани содиршавии ҷиноят, эҳтиром ба қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамоянд.

***

Мақсад аз қабули қарор дар бораи соли 2024 "Соли маърифати ҳуқуқӣ" эълон гардидан ин баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани ҳимояи ҳуқуқи инсон мебошад.

***

Тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи эҳтиром нисбат ба қонун ва таъмин намудани волоияти он ба роҳ мондани усули ҳамкории самараноки давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон аз ҷумлаи ҳадафҳои аслии "Соли маърифати ҳуқуқӣ" мебошад.

***

Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ омили асосии эъмори давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмин намудани волоияти қонун мебошад.

***

Таъмин намудани тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти давлат, суботу оромии ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин, мубориза бо ҷиноятҳорӣ вазифаи бевоситаи хизматӣ ва қарзи виҷдонии ҳар як корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад.

# Ҳамкориҳои судманд



Бо ибтикори Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 то 17 апрели соли ҷорӣ дар Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ- методии кумитаи мазкур машғулиятҳо зери унвони "Ҳайати роҳбарикунандаи мудофиаи граждании вазорату кумитаҳо ва идораҳо" баргузор гардид, ки дар он намояндагон аз дигар вазорату кумитаҳо, аз ҷумла аз Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Дар рӯзи аввали машғулият доир ба мавзӯъҳои "Мавқеъ ва аҳамияти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини бехатарии фаъолияти ҳаётии давлат", "Тайёрӣ ва омӯзиши аҳолӣ дар соҳаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ" "Терроризм", "Ҳолатҳои фавқулоддаи хусусияти иҷтимоидошта", "Ташкил ва ҳифзи аҳолӣ ҳангоми таҳдид ва рух додани амалҳои террористӣ" ва дигар мавзуъҳо маврида таҳлилу баррасӣ қарор гирифт. Гуфта шуд, ки терроризм яке аз омилҳои даҳшатбори ҷаҳони муосир буда, хатару таҳдидҳои он рӯз то рӯз ба кишварҳои дунё зиёд гаштаистодааст. Аз ин рӯ, ташкил ва ҳифзи аҳолӣ ҳангоми таҳдид ва рух додани амалҳои террористӣ бояд дуруст риоя карда шавад, то ки аҳолии осоишта зарар набинанд.

Дар рӯзи дуюми машғулият дар мавзуҳои "Ташкили расонидани ёрии аввалини тиббӣ ба зарардидагон ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда", "Ҷанбаҳои рӯҳимаънавии ҳолатҳои фавқулодда", "Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст намудани хатари офатҳои табиӣ" ва "Эвакуатсия" маърӯзаҳо пешниҳоди иштирокчиён карда шуд.

Дар рӯзи сеюми машғулият бошад, мавзӯъҳои "Маълумот дар бораи машқҳои мудофиаи гражданӣ"."Тартиби таҳияи ҳуҷҷатҳои гражданӣ" "Майсад ва аҳмияти таъсис додани нерӯи ғайриҳарбии мудофиаи гражданӣ" "Амали ҳайати роҳбарикунанда ҳангоми гузаронидани мудофиаи гражданӣ аз замони осоишта ба давраи ҷанг" ва монанди ин мавзӯъҳо маврида назар қарор гирифт. Ҳамчунин, оид ба ҳадаф аз ташкили санҷиши дараҷаҳои мудофиаи гражданӣ ва ҳолатҳои фавқулодда, дар кадом сатҳ қарор доштани он баҳсу андешаҳои гуногун баррасӣ карда шуд.

Аз ҷараёни машғулиятҳо маълум гардид, ки Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси робитаву ҳамкорӣ бо ҳамтоёни худ аз созмону ташкилотҳои дохиливу хориҷи кишвар таҷриба андӯхта, дар фаъолияти ҳамарӯза пурсамар истифода мебаранд. Ҳамчунин роҳбарияти кумита барои омода намудани мутахассисони лаёқатманди соҳа саъю кӯшиш намуда, Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методии кумитаро бо заминаи мукаммалу муҷаҳҳази таълимӣ таъмин кардааст.

Дар фарҷом ба иштирокчиёни машғулиятҳои омӯзишӣ шаҳодатномаи Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуд.

Ҳадаф аз ташкили чунин машғулиятҳои омӯзишӣ ташкилу ба роҳ мондани ҳамкории вазорату идораҳои давлатӣ бо Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бартарафсозӣ ва пешгирии ҳолатҳои фавқулодда, ҳамзамон ҳамкорӣ дар самти мудофиаи гражданӣ мебошад.

Подполковники гвардия
Аъзамҷон ШАРИФОВ,
афсари калони шуъбачаи хизмати қӯшунҳо ва бехатарии хизмати ҳарбии Сарситод

# Бойгонӣ – хазинаи таърихи миллат

## Конференсияи илмӣ-назариявӣ ба муносибати 20 соли фаъолияти Бойгонии марказии Гвардияи миллӣ

**Ҳар як инсони соҳибфарҳанг бояд таърихи халқу сарзаминашро аниқу муфассал донад ва ифтихор аз миллату таърихи гузашта дошта бошад. Шахсе, ки гузаштаи худро намедонад, асири маданияту фарҳанги дигарон мегардад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**





26-уми апрели соли равон дар толори қисми ҳарбии 051052 бахшида ба 20 соли фаъолияти пурсамари бойгонии марказии Раёсати корҳои фармондеҳии Гвардияи миллӣ конференсияи илмӣ-назариявӣ доир карда шуд. Дар конференсия мушовири сардори Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмонов Искандар, ҳуқуқшиноси вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон профессор Шарифзода Раҳмонкул, собиқ муовини сардори Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Холмуродов Давлат, директори бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғафуров Бахром, номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ғуломов Тоҷиддин ва дигар мутахассиони соҳа иштирок ва маърӯза намуданд. Дар кори конференсияи илмӣ-назариявӣ сардорони баъзе аз раёсату шуъбаҳои фармондеҳӣ ва афсарони қисмҳои ҳарбии дар шаҳри Душанбе ҷойгиршудаи Гвардияи миллӣ, мутахассисон аз Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзгорону донишҷӯёни факултети таърихи донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва факултети китобдории Донишкадаи фарҳанг ва санъати Тоҷикистон иштирок доштанд.

Конференсияро муовини Фармондеҳи Гвардияи миллӣ оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ полковники гвардия Собириён Маҳмаднаим кушода эълон намуд. Сардори Сарситод-муовини аввали Фармондеҳи Гвардияи миллӣ полковники гвардия Азаматзода Баҳриддин аз таърихи бойгонидорӣ ва моҳияти он маълумот дода, бори дигар меҳмононро хайрамақдам гуфт.

Мавзӯъҳои асосии конференсияро таърихи ташаккул ва фаъолияти бойгонидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавқеи бойгониҳо дар омӯзиши таърихи муосири тоҷик, нақши ҳуҷҷатҳои хазинаи бойгонии миллӣ дар омӯзиш ва тавсифи таърихи халқи тоҷик, мавқеи бойгониҳо дар таҳқиқоти корҳои илмӣ, масъалаҳои мубрами бойгонишиносии муосир, таъсис ва ташаккули бойгонии марказии Раёсати корҳои фармондеҳии Гвардияи миллӣ дарбар гирифт.

Мушовири сардори Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмонов Искандар ба сухан баромада, аз ҳамкориҳои мутақобилан судманди Саридораи бойгонӣ ва Гвардияи миллӣ ибрози андеша намуда, ёдовар шуданд, ки солҳои охир дар асоси ҳамкорӣ ва ҳамоҳангӣ шумораи муайяни кормандони Гвардияи миллӣ дар Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон курсҳои кутоҳмуддати омӯзиширо сарбаландона хатм карда, соҳиби гувоҳнома мегарданд.

Гуфта шуд, ки бойгонӣ ин хазинаи таърихи миллат мебошад. Бе ҳуҷҷати бойгонӣ таърихи ҳеҷ як давлат, халқ ва миллат вуҷуд дошта наметавонад. Садсолаҳо мегузаранд, наслҳои дигар меоянд ва наслҳои нав дар бораи корнамоӣ ва фаъолияти гузаштагон аз сарчашмаҳои нодиру боарзиш чун бойгонӣ маълумот пайдо мекунанд. Ҳангоми ироаи маърӯзаҳои конференсия ба ҳамагон маълум гардид, ки ҳуҷҷатҳои бойгонӣ чун кафолати боэътимоди хотираи халқ дар бораи ходисаву руйдодҳои муҳимтарину тақдирсози кишвар, корнамоиҳои шахсиятҳои барҷастаи давру замон ба шумор рафта, ҳамчун сарчашмаҳои омӯзишӣ дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ хизмат мекунанд.





Ҳамчунин гуфта шуд, ки барои ҳастии давлату миллат се унсур муҳимтарин дониста мешаванд: забон, фарҳанг ва таърих.

Конференсияи мазкур, ки ба 20 соли фаъолияти пурсамари бойгонии марказии Раёсати корҳои фармондеҳии Гвардияи миллӣ бахшида шуд, доир ба таъсис ва рушду такомули он маълумотҳои дақиқ пешниҳод гардид. Зикр шуд, ки бойгонӣ дар Гвардияи миллӣ аз соли 2004 фаъолият мекунад. Солҳои 2008 ва 2018 дар асоси тағироти сохторӣ воҳидҳои корӣ дар бойгонӣ зиёд карда шуд. Аз моҳи апрели соли 2018 бойгонии марказии Раёсати корҳои фармондеҳӣ амал мекунад, роҳбарии онро капитани гвардия Расулзода Абдулвосит, мутахасиси соҳаи мазкур бар уҳда дорад. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар бобари дигар бойгониҳои ҷумҳуриявӣ Бойгонии марказии Раёсати корҳои фармондеҳӣ дорои ҳуҷҷатҳои боарзиши таърихӣ аст ва ҳуҷҷатҳои дар он маҳфуз буда, қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи хазинаи бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Дар анҷоми конференсия меҳмонон бо соҳибони ҷашн нишони ҳамкорӣ ва қадрдони тӯҳфаҳои хотиравӣ супориданд.

Майори гвардия
Неъматуллои ХОЛИҚ

Муассис:
Гвардияи миллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

сомонаи расмӣ: www.gmjt.tj
E-mail: gmjt.info.tj@mail.ru

Оғози нашр:
25 январи соли 2006

**Ҳайати таҳрир:**
Сардори шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеа полковники гвардия Ҳайринисо Комилзода, Неъматуллои Холиқ, Саодат Сатторова- хабарнигорон.

**Мушовирон:**
Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти гвардия Бобоҷон Ҷамолзода, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон Зулфиқор Гулахмадзода, муовини раиси Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Рудобаи Мукаррам.

Идораи моҳнома ба андешаҳои муаллифони маводҳо на ҳама вақт ҷонибдор аст. Масъулияти саҳеҳии санаду иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст. Маводҳо аз АМИТ «Ховар» истифода шуданд.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти рақами 706 аз 20 январи соли 2006 ба қайд гирифта шудааст.

**Дизайн: А. Насриддинов**

**Суратгир: М. Шоев**

Адади нашр: 500 нусха